**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# Барномаи таълими фанни МАЪРИФАТИ ОИЛАДОРӢ дар синфи 10-ум

Душанбе
2015

**Барномаи таълими фанни маърифати оиладорӣ дар синфи 10-ум.** Душанбе, 2015. 16 саҳ.

Мураттибон:
Хуррам Раҳимзода
Латофат Назирова
Шермуҳаммад Ёрмуҳаммадзода

Муҳаррир:

Аҳмадшоҳи Комилзода

Ба матбаа 10.09.2015 супорида шуд.
Ба чоп 17.09.2015 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопии шартӣ 1
Теъдод 4 000 нусха. Супориши №9

Дар Маркази таҳия, нашр
ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
чоп шудааст.

# ПЕШГУФТОР

Яке аз ҳадафҳои асосии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии оилаҳои ҷавон ва баланд бардоштани сатҳи маърифати оиладорист. Омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар назди аҳли ҷомеа вазифаи ниҳоят муҳим арзёбӣ мешавад. Омӯзиши сабабҳои вайроншавии оилаҳо шаҳодат медиҳад, ки бештари чунин ҳолатҳо бинобар тайёр набудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ба вуҷуд меоянд. Аз ин хотир, оила, мактаб ва ҷомеа бояд дар кори омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ саҳмгузор бошанд.

Интихоби дуруст ва бунёди оилаи солим омили муҳими рушди ҷамъият ва таҳкими давлат мебошад. Муҳим аст, ки пеш аз барпо намудани оила ҳар шаҳрванд бо дарки масъулият паҳлуҳои мухталифи ҳаёти оилавиро азхуд карда, муносибатҳои оилавиро дар асоси ҳурмату эҳтироми якдигар, риояи урфу одатҳои миллӣ ва муҳаббату якдигарфаҳмӣ ба роҳ монад.

Танзими муносибатҳои оилавӣ дар асоси принсипҳои ихтиёрӣ будани ақди никоҳи марду зан, баробарии ҳуқуқи зану шавҳар дар оила, ҳалли масъалаҳои дохилиоилавӣ дар асоси мувофиқаи тарафҳо, афзалияти тарбияи кӯдакон дар оила, чораандешӣ нисбат ба некӯаҳволӣ ва рушду камоли онҳо, таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои аъзои ноболиғ ва ғайри қобили меҳнати оила сурат мегирад.

Ободии ватан агар аз ободии ҳар хонадон оғоз ёбад, ободии хонадон аз маърифат, муносибати неки оиладории падару модар сарчашма мегирад.

Мақсади фанни маърифати оиладорӣ аз он иборат аст, ки асосҳои муносибатҳои никоҳу оиладорӣ, ташаккули идеали оиладорӣ, ташкили малакаи муносибатҳои дурусти дохилиоилавӣ ва дуруст тарбия кардану ба воя расонидани фарзандони солиму солеҳро ба ҷавонон омӯзонад.

Фанни мазкур дар системаи тарбияи оиладорӣ мавқеи муҳим дошта, аз он ҷавонон, падарону модарон ва оилаҳои ҷавон метавонанд истифода кунанд.

**Мавзӯи 1. Фанни «Маърифати оиладорӣ» ва вазифаҳои он (1 соат)**

Мазмун ва моҳияти фанни «Маърифати оиладорӣ». Мафҳуми оила ба маънои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ. Оила ҳамчун қадимтарин сохтори иҷтимоӣ дар таърихи инсоният. Мақоми оила дар пешбурди ҳаёти иқтисодиву сиёсӣ, иҷтимоию фарҳангии ҷомеа. Зарурати ташкил додани оила. Оила ҳамчун қисми муҳими иҷтимоии ҷомеа. Ҳамдигарфаҳмии зану шавҳар – талаботи асосии иҷтимоии оила.

**Мавзӯи 2. Пайдоиши оила ва давраҳои таърихии инкишофи он (1 соат)**

Давраҳои асосии таърихи инкишофи инсоният – давраи ваҳшоният, барбарият ва тамаддун. Дастовардҳои илмии археология ва этнография оид ба пайдоиш ва ташаккули оила. Зиндагии гурӯҳии одамон дар бошишгоҳҳои саҳроӣ, бешаҳои тропикӣ ва субтропикӣ, ба даст овардани хӯрокворӣ ва муҳофизати дастаҷамъӣ аз ҳайвонҳои дарранда. Пайдоиши нутқ, шикорчигӣ ва истифодаи оташ. Давраи модаршоҳӣ ва хусусиятҳои он. Давраи падаршоҳӣ ва хусусиятҳои он. Инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ, нақши он дар инкишофи оила. Пайдоиши моликияти хусусӣ, оила ва никоҳ. Ҳифзи оила ва манфиатҳои он. Риояи қоидаҳои ахлоқ дар оила. Мавқеи марду зан дар оила. Парастиш ва эътиқоди динӣ. Сарчашмаҳои таърихӣ дар бораи низоми оиладории тоҷикон.

**Мавзӯи 3. Оила ва вазифаҳои ҷамъиятии он (2 соат)**

Оила – иттифоқи озод, ихтиёрӣ ва баробарҳуқуқии марду зан. Оилаи солим – ҷомеаи солим. Ҳифз ва ҳимояи оила аз ҷониби давлат. Таъсири оила ба ҳаёти ҷамъиятии давлат. Таваллуд ва тарбияи фарзанд. Тарбия ва таълими фарзанд– яке аз вазифаҳои асосии оила. Муҳити оилавӣ ва таъсири он ба раванди тарбия. Таълим ва тарбияи фарзанд – вазифаи оила, мактаб ва ҷомеа. Суҳбат бо фарзанд дар

бораи беҳтарин анъанаҳо ва арзишҳои оилавӣ. Шиносоии фарзанд бо хешу табор ва наздикони оила. Мададу дастгирии хешу табор ва ёру дӯстон. Оила нахустин мактаби ахлоқу одоб барои фарзанд. Тарбияи хоҷагидорӣ ва меҳнатдӯстии фарзанд. Бо фарзанд гузаронидани суҳбат дар мавзӯъҳои оиладорӣ, муносибати зану шавҳар, рӯзгордорӣ, меҳмондорӣ, муносибат ба хешу табор, расму оин. Амали падару модар – ибрати фарзанд. Омода кардани фарзанд ба ҳаёти мустақилона. Нигоҳ доштани пайванди наслҳо ва доштани маълумот дар бораи гузаштагони худ, вазифа ва масъулият дар назди оила. Ташаккули хотираи таърихии фарзанд дар бораи аҷдоди миллати худ – вазифаи падару модар.

**Мавзӯи 4. Ҳуқуқи оилавӣ дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (1 соат)**

Ба танзим даровардани муносибатҳои оилавӣ. Таҳти ҳимояи давлат қарор доштани оила ҳамчун асоси ҷамъият. Донистани қонун ва риояи он – асоси пойдории оила. Ҳифзи ҳуқуқҳои оилавӣ. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ», «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Никоҳи расман бақайдгирифташуда – асоси ташкили оила. Никоҳи ғайрирасмӣ (ба қайди давлатӣ гирифтанашуда). Шартҳои ақди никоҳ. Бастани ақди никоҳ дар идораи сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ. Баробарҳуқуқии зану шавҳар дар оила, ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо. Ҳимояи ҳуқуқҳои модар ва кӯдак.

**Мавзӯи 5. Ташкили оилаи ҷавон. Муҳаббати марду зан – шарти асосии ташкили оила (1 соат)**

Оила – асоси ҷомеа, муҳимтарин ячейкаи ҷамъияту давлат. Муҳаббати марду зан – шарти асосии ташкили оила. Муносибатҳо дар асоси муҳаббат. Риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ дар муносибатҳои ошиқона. Муносибати беғаразона ва ишқи пок. Ишқ – меҳвари асосии оила ва муносибати оилавӣ. Ишқ – тобеъ ба хирад ва иродаи инсон. Мутафаккирон дар боби муҳаббат. Ишқ ва ирода. Интихоби дурусти ҳамсар. Одобу ахлоқи нек, одоби муошират, ҳурмату эҳтиром ва садоқату вафодории ҷавонон. Муҳаббат ва рашк. Таҳаммулпазирӣ ва якдигарфаҳмӣ.

**Мавзӯи** 6. **Асосҳои ахлоқии муносибати ҷавонон (1 соат)**

Хулқу атвор, гуфтор ва рафтори ҷавонон. Заминаҳои рушду нумӯи инсони бомаърифат. Одоби муошират. Одоби рафтор дар хона, кӯчаву бозор. Одоби қабули меҳмон, ба меҳмонӣ рафтан, иззату ҳурмат. Ҳаёти оилавӣ ва муносибатҳои байниинсонӣ. Хусусиятҳои хоси муносибати байни ҷавонон ва анъанаҳои миллӣ. Риояи қоидаҳои ахлоқ. Шараф ва номи нек – муҳимтарин арзиш барои ҷавонон. Шарму ҳаё ва фурӯтанию хоксорӣ–нишони ахлоқи неку ҳамидаи инсон. Самимият, хоксорӣ, кумак ба дигарон, аз роҳи бад гардонидани дӯстон, ҳидоят ба некию накукорӣ – хислатҳои нек ва ҷавонмардӣ. Хато накардан дар интихоби дӯст. Таъсири муҳити ҷамъиятӣ ба меъёрҳои ахлоқӣ. Дин ва ахлоқ. Давраи балоғат – душвортарин айёми тарбияи ҷавонону наврасон. Вазифаи асосии тарбияи оила дар марҳалаи балоғати фарзандон. Оростани суҳбату нишастҳо бо фарзандон – усулҳои гуногуни тарбия. Шиносоии писарону духтарон бо қоидаҳои одоби муошират. Муҳаббати тарафайн ва якҷониба. Шитобкорӣ ва оқибатҳои он. Муносибати боодобона ҳангоми рад кардани муҳаббати яктарафа ва эҳтироми ҳиссиёти якдигар.

**Мавзӯи 7. Омода кардани ҷавонон ба оиладорӣ (1 соат)**

Омода шудани ҷавонон ба никоҳ. Синни никоҳӣ. Никоҳи барвақтӣ ва оқибатҳои он. Масъулият дар оила. Эҳтиром ба арзишҳои оилавӣ. Соҳибмаълумот ва соҳибкасб будан барои зану мард – яке аз омилҳои муҳими устувории оила. Омодагии равонии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ. Боварӣ, эътиқод ва якдигарфаҳмӣ – меҳвари асосии устувории оила. Ба сухани дигарон гӯш додан ва эҳтиром кардани фикри дигарон. Аз дағалӣ ва дуруштгуфторӣ дурӣ ҷустан. Бомулоҳиза, боандеша, ботакаллуф сухан гуфтан. Дар оила меҳрубон ва мушфиқ будан. Одоби муошírати ҷавонон дар оила.

**Мавзӯи 8. Муоинаи тиббии издивоҷкунандагон (1 соат)**

Солимии ҷомеа – мақсад ва вазифаи асосии давлат. Оилаи солим – ҷомеаи солим. Ба роҳ мондани муоинаи тиббии издивоҷкунандагон. Муоинаи тиббӣ – сирри тиббӣ. Муоинаи тиббӣ – гарави солимии оила. Гирифтани машварати мутахассис оид ба масъалаҳои тиббию генетикӣ ва оиладорӣ. Нигоҳ доштани оилаи солим – вазифаи муқаддаси зану шавҳар. Ғамхорӣ ба саломатӣ – омили асосии ҷисми солим, ақли расо, қобилияти баланд, пешрафти илмию эҷодӣ ва ҳаёти хубу гуворо.

**Мавзӯи 9. Никоҳи хешутаборӣ ва оқибатҳои он (1 соат)**

Муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи никоҳи хешони наздик. Ақидаи мутахассисони тиб оид ба никоҳи хешутаборӣ ва пайомадҳои он. Мавқеи падару модар дар никоҳи хешутаборӣ. Муносибати ҷавонон ба никоҳи хешутаборӣ. Таъсири хурофот ва оқибатҳои он. Таваллуди фарзанди солим – хушбахтии аҳли оила. Никоҳи хешутаборӣ ва оқибатҳои биологии он. Илми муосир дар бораи оқибатҳои биологии никоҳи хешутаборӣ.

**Мавзӯи 10. Маросими никоҳ, баргузории тӯйҳои арӯсӣ ва пешгирӣ аз хароҷоти зиёд (1 соат)**

Мафҳуми никоҳ. Никоҳ – шарти зарурии ташкили оила. Никоҳ – иттифоқи озод ва баробарҳуқуқии байни зан ва

мард. Хусусиятҳои фарққунандаи никоҳи расмӣ ва динӣ. Якканикоҳӣ – принсипи асосии давлати демократӣ. Муҳлати пешниҳоди ариза аз тарафи издивоҷкунандагон ба мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ. Риояи расмиятҳои никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ. Риояи талаботи қонунгузорӣ дар чорабиниҳои вобаста ба маросими никоҳ (теъдоди мошинҳо, меҳмонон ва ғ.). Талаботи қонунгузорӣ оид ба гузаронидани тӯйи арӯсӣ. Анъана ва расму оинҳои миллӣ дар тӯйи арусӣ. Хароҷоти барзиёд – зарари оила ва хонадон. Хусусиятҳои хоси тӯйҳои ҳозиразамон. Камхарҷ гузаронидани тӯйҳои арӯсӣ, роҳ надодан ба исрофкорӣ–кумак ба оила. Ҳамфикрӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар масъалаи камхарҷ гузаронидани тӯйи арӯсӣ – асоси ободӣ ва мустаҳкамии оила. Истифодаи маблағи сарфашуда барои харидани ашёи зарурии рӯзгор.

**Мавзӯи 11. Қатъ кардан ва беэътибор донистани никоҳ (1 соат)**

Асосҳои қатъ гардидани никоҳ. Қатъ гардидани никоҳ аз нигоҳи дини ислом. Бекор кардани акди никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ. Бекор кардани акди никоҳ дар мақомоти судӣ. Оқибатҳои беэътибор донистани акди никоҳ. Тақсими молу мулки якҷояи ҳамсарон, муайян кардани алименти фарзанд ва зиндагии ояндаи кӯдак.

**Мавзӯи 12. Хусусиятҳои оилаи ҷавон (1 соат)**

Муҳайё намудани муҳити солими муносибат дар оилаҳои ҷавон. Ғамхории давлат барои оилаҳои ҷавон. Нақши падару модар ва калонсолон дар ташкили оилаи ҷавон. Таҷассуми сифатҳои беҳтарини инсонӣ дар оила ва аҳамияти он дар тарбияи фарзандон. Сабабҳои ба вуҷуд омадани мушкилот дар оғози ҳаёти оилавӣ. Хоксорӣ ва фурӯтанӣ – шарти якдигарфаҳмӣ дар оила. Саодати оила – асоси муваффақият дар ҳаёт. Суҳбат, маслиҳат, андешаронӣ ва хушмуомилагӣ – роҳи ҳалли мушкилоти байни зану шавҳар.

**Мавзӯи 13. Муҳити психологӣ ва муносибатҳои шахсӣ дар оила (1 соат)**

Мафҳум ва моҳияти муҳити психологӣ дар оила. Мутобиқати психологии ҳамсарон – омили муҳими оромии оила. Умумияти маънавӣ, ахлоқии зану шавҳар. Мувофиқати ҷаҳонбинӣ ва мафкура – асоси хушбахтӣ ва якдигарфаҳмӣ дар оила. Ба вуҷуд омадани ихтилофи назар ва роҳҳои ҳалли он. Эҳтироми нуқтаи назари якдигар дар ҳаллу фасли мушкилоти оилавӣ. Якдигарфаҳмӣ, ҳамкорӣ бо аъзои оила: фарзандон, келину домод, набераҳо. Рашк ва оқибатҳои он. Дағалӣ ва нописандӣ – сабаби коҳиши муҳити солими психологӣ дар оила ва ба вуҷуд омадани низоъ ва нифоқ. Манфиатҷӯӣ – боиси аз байн рафтани боварӣ ва якдигарфаҳмӣ дар оила. Муҳити солими оилавӣ – асоси пойдории оила.

**Мавзӯи 14. Меҳнат, даромад ва низоми сарфу харҷ дар оила (1 соат)**

Меҳнат – шарти муҳими нигоҳдории оила. Нақши меҳнат дар беҳтар гардидани некӯаҳволии оила. Муҳайё кардани шароити корӣ дар оила. Зарурати омода кардани фарзандон ба меҳнат. Меҳнати якҷояи зану шавҳар. Иҷрои корҳои хона. Буҷети оила. Сарчашмаҳои даромади оила. Мувофиқати даромад ва хароҷоти оила. Банақшагирии буҷети оила. Сарфаю сариштакорӣ дар оила. Расидан ба қадри неъматҳои моддӣ, ки дар натиҷаи меҳнати аъзои оила ба даст меоянд. Тарбияи меҳнатии фарзандон ва нақши он дар ташаккули шахсияти онҳо. Талқини ҳунар ва ҳунаромӯзӣ. Иҷрои корҳои дастаҷамъӣ дар оила. Таъмини ғизо ва табобату истироҳат дар оила.

**Мавзӯи 15. Маърифати рӯзгордорӣ ва нигоҳдории манзил (1 соат)**

Тарбияи эстетикӣ ва муносибати зебопарастӣ ба зиндагӣ. Ташкили эстетикаи манзил. Тарбияи табъи хуб ва тозаву озода нигоҳ доштани манзил. Эстетикаи гузаронидани хурсандиҳои оилавӣ. Ороиши хона ва

хусусиятҳои хоси он. Интихоби асбобу анҷоми хона. Истифодаи дуруст ва самараноки асбобҳои рӯзгор. Ҷобаҷогузории таҷҳизоти хона. Маданияти истироҳат дар манзил.

Пӯшидани сару либос ва мувофиқати он ба синну сол, фаслҳои сол ва ҷамъомадҳои расмӣ. Риояи талаботи мӯд.

**Мавзӯи 16. Муносибати зану шавҳари ҷавон (1 соат)**

Маърифати баланди оиладорӣ – асоси зиндагии хушбахтонаву саодатманд. Самимият ва ҳамдигарфаҳмӣ барои ташкили ҳаёти оилавӣ. Мутобиқ гаштан ба шароити нави зиндагӣ. Садоқату эҳтиром ва паймони зану шавҳари ҷавон – омили пойдорӣ ва мустаҳкамии оилаи ҷавон. Зиндагии хушбахтонаи навхонадорон – ҷавҳари пойдорӣ ва рушди оилаи ҷавон. Ба вуҷуд овардани муҳити солим дар оила. Якдигарфаҳмӣ ва таҳаммулпазирӣ.

**Мавзӯи 17. Муносибат бо падару модар ва аъзои оила (1 соат)**

Муносибати зану шавҳари ҷавон бо падару модар ва наздикони ҳамдигар. Муносибати келину хушдоман дар оила. Бо розигии падару модар ва дигар аъзои калонсоли оила анҷом додани корҳои хона. Риояи расму оин ва арзишҳои миллӣ дар оила. Машварат ва маслиҳат бо падару модари якдигар ва аҳли оила. Ба вуҷуд овардани фазои солим ва хайрхоҳона дар муносибатҳои байни аъзои оила. Ҳифзи оромию осудагӣ дар оила. Нигоҳ доштани сирри оила.

**Мавзӯи 18. Тарбияи оилаҳои ҷавон дар рӯҳияи меҳмондорӣ ва меҳмоннавозӣ (1 соат)**

Истиқбол ва қабули меҳмон. Иззату эҳтироми меҳмон. Одоби муошират бо меҳмон. Маданияти рафтору гуфтор дар ҳузури меҳмон. Оростани дастурхон барои меҳмон. Гиромӣ доштани меҳмон ва ба ҷо овардани иззати ӯ. Меҳмоннавозӣ – хислати хуби тоҷикон. Маданияти ба меҳмонӣ рафтан. Одоби дар меҳмонӣ будан.

**Мавзӯи 19. Маданияти сайру гашт ва истироҳати оилаҳои ҷавон (1 соат)**

Ташкили дуруст ва оқилонаи сайру гашт ва истироҳат. Ташкили истироҳат дар муҳити оила. Ташкили сайру гашти оилавӣ ба маҳалҳои таърихию фарҳангии кишвар, театру осорхонаҳо ва аҳамияти тарбиявию ахлоқии он. Ҷашн гирифтани идҳои оилавӣ дар ҳалқаи аҳли хонавода. Роҳ надодан ба сарфи зиёдатӣ ва харҷи беҳуда ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оилавӣ, сайру гашт ва истироҳат. Танзими ҷашнҳои оилавӣ ва худдорӣ аз исрофкорӣ. Шунидани мусиқӣ ва тамошои консерту филмҳо – як навъи истироҳат. Самаранок гузаронидани рӯзҳои истироҳат ва рухсатии меҳнатӣ. Пасандози оилавӣ – шарти муҳим ва зарурӣ барои ташкили истироҳати мақсаднок. Осори бузургон дар бораи аҳамияти сафар кардан ва натиҷаи он. Мувофиқати сарулибос ҳангоми сайру гашт ва рафтан ба театру осорхонаҳо. Маданияти рафтор дар кӯча, театр ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ.

**Мавзӯи 20. Сабабҳои вайрон шудани оилаҳои ҷавон ва пайомадҳои он (1 соат)**

Мулоҳизакорӣ, боандешагӣ, таҳаммулпазирӣ, сабру тамкин – ҳусни оилаи ҷавон. Пос доштани арзишҳои оилавӣ, одобу ахлоқ, эҳтироми калонсолон ва дигар аъзои оила – шарти муҳими пойдории оила. Шитобкорӣ дар ҳалли мушкилоти оиладорӣ ва пушаймонӣ аз он. Ба ҳисоб гирифтани имконоти молиявии оила барои пешгирии низоъ дар оила. Сидқу вафо, муҳаббату якдигарфаҳмӣ – кафили зиндагии хушу гуворо. Якравӣ ва одатҳои номатлуби яке аз тарафҳо – омили ба миён омадани низоъҳои оилавӣ. Оқибатҳои манфии моҷароҳо дар оила.

**Мавзӯи 21. Роҳҳои пешгирии низоъ дар оила (1 соат)**

Сабабҳои асосии сар задани ихтилофи байни зану шавҳар ва низоъҳои оилавӣ. Бо тамкину бурдборӣ ва мулоҳизаву меҳрубонӣ ҳал кардани мушкилоти оилавӣ. Иваз кардани баҳсу талош ва хашму ғазаб ба навозишу меҳрубонӣ

ва эҳтиром. Гирифтани машварат ва маслиҳати падару модар ва хешу ақрабо. Оштӣ додани зану шавҳар ва раҳо намудани оила аз вартаи вайроншавию парешонӣ – вазифа ва масъулияти муҳими падару модар, хешу ақрабо ва ёру дӯстон. Истифода аз таҷрибаи рӯзгор ва маслиҳати калонсолон дар зиндагӣ. Роҳҳои ҳалли мушкилоти оилавӣ ва ҷилавгирӣ аз низоъ ва нифоқ.

**Мавзӯи 22. Таваллуди фарзанд ва фароҳам овардани шароит барои рушди кӯдак (1 соат)**

Мақоми оила дар ташаккули шахсияти кӯдак. Оғози тарбияи тифл аз батни модар. Қонеъ гардонидани талаботи кӯдак ва рушди он тавассути барқароршавии муносибати ӯ бо калонсолон. Риояи реҷаи муайяни хӯрокдиҳӣ ва хобондани кӯдак. Инкишоф ёфтани аввалин нишонаҳои нутқи кӯдак дар рафти муошират бо калонсолон. Нақши оила ва муносибатҳои оилавӣ дар рушди фарзанд. Вайрон шудани муносибатҳои оилавӣ ва таъсири манфии он дар ташаккули кӯдак. Таъсири муҳити иҷтимоӣ ба рушди кӯдак. Алоқамандии равиши ҳаёт дар муҳити оилавӣ бо ҳаёти ояндаи кӯдак. Таъсири манфии муҳити носолим ба рушди кӯдак. Андеша, гуфтор ва рафтори падару модар – намунаи ибрат барои фарзандон.

**Мавзӯи 23. Психологияи кӯдак ва мушкилоти тарбия (2 соат)**

Калиди аслии таълиму тарбияи фарзанд – дарки шахсият ва хусусиятҳои психологии кӯдак. Тарбияи дурусти кӯдакон дар мактаб аз тарафи омӯзгорон ва дар оила аз тарафи падару модар.

Равишҳои дурусти таълиму тарбияи насли наврас, омӯзиши масъалаҳои таълимӣ, шинохти шахсияти кӯдак ҳамчун дастоварди беҳтарин дар раванди таълиму тарбия. Роҳу усулҳои ҳавасмандкунӣ ва танбеҳ дар раванди тарбия. Роҳ ва усулҳои муошират ва ҳамкорӣ байни омӯзгор ва хонанда. Талаботи психологии кӯдак дар синни хурди

мактабӣ. Суръати инкишофи нутқи кӯдак дар давраҳои синнусолӣ.

Рушди худбаҳодиҳии кӯдак дар зери таъсири муҳити иҷтимоӣ. Пешгирии ҷараёни нодурусти таълиму тарбияи кӯдакон дар давраҳои гуногуни синнусолӣ. Ситоиши ҷанбаҳои мусбати рафтори кӯдак. Фаҳмонидани кори манфии кӯдак ва оқибатҳои он. Ҳамкории падару модар бо равоншинос барои бартараф кардани мушкилоти равонии кӯдак. Махфӣ нигоҳ надоштани мушкилоти кӯдак аз равоншинос. Роҳ надодан ба лату кӯби кӯдак. Тарсонидани кӯдак – иштибоҳи бузурги падару модар ва омӯзгор. Реҷаи дурусти хобу хӯрок – омили саломатии кӯдак.

**Мавзӯи 24. Аҳамияти таълиму тарбия дар ташаккули тафаккур ва шахсияти кӯдак (2 соат)**

Таълим ва тарбияи кӯдак вобаста ба хусусиятҳои синнусолӣ. Қоидаҳои муҳим дар тарбияи кӯдак.

Тарбиятгари асосии кӯдак – падар ё модар? Устоди аввалини кӯдак модар, устоди дуюмаш падар ва устоди сеюмаш омӯзгор аст. Усулҳои таълим ва тарбияи кӯдак. Баҳисобгирии хусусияти равонии кӯдак дар давраҳои гуногуни синнусолӣ. Рушди босуръати нутқи кӯдакони синну соли томактабӣ. Тарзи муносибат ва ҷавоб ба саволҳои бешумори кӯдак: «Чаро?», «Ин чист?», «Барои чӣ?» ва ғайра. Зарурати донистани зинаҳои инкишофи тафаккури кӯдак. Омӯзиш ва тарбия дар оила ва мактаб. Роҳҳои ташаккули тафаккури кӯдак. Оқибатҳои беаҳамиятии падару модар дар тарбия ва таълими кӯдак.

**Мавзӯи 25. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд (2 соат)**

Модар – бадунёоварандаи насли башар. Фарзанд – такягоҳ ва қудрати оила. Фарзанди тандуруст, хирадманд, хушзеҳн ва боодоб – обрӯву ифтихори оила ва миллат.

Муқаррароти Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»

оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. Таснифоти умумии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар. Масъулияти падару модар дар иҷро кардани уҳдадориҳои худ.

Баробарии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд. Таълим – фаъолияти якҷояи мақсадноки омӯзгор ва хонанда дар ҳамкорӣ бо падару модар. Тарбия – раванди бошуурона ва мақсадноки ба воя расонидани фарзанд аз ҷониби падару модар. Уҳдадориҳои падару модар дар таълим, ҳифзи саломатӣ, рушди ҷисмонӣ, равонӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва касбомӯзии фарзанд. Интихоби муассисаи таълимӣ ва шаклҳои таҳсили фарзанд аз ҷониби падару модар. Тарбияи маънавӣ, тарбияи ҷисмонӣ, тарбияи меҳнатӣ, тарбияи иқтисодӣ, тарбияи эстетикӣ, тарбияи экологӣ ва ҳуқуқии фарзанд ва ғайра.

Сарчашмаҳои таърихӣ ва осори бузургон оид ба таълим ва тарбияи фарзанд.

Ҳуқуқи кӯдак ба ном, насаб ва номи падар. Ҳуқуқи кӯдак ба ҳимоя. Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои фарзанд аз ҷониби падару модар. Ҳуқуқи молумулкии кӯдак. Ҳуқуқи анҷоми аҳдҳо ва бастани шартномаҳо ва идоракунии молу мулк. Ҳуқуқи иштироки падару модар ва дигар намояндагони қонунӣ дар идоракунии муассисаи таълимие, ки фарзанд таҳсил мекунад.

**Мавзӯи 26. Уҳдадориҳои фарзанд дар назди падару модар (2 соат)**

Уҳдадориҳои фарзанди болиғи қобили меҳнат дар нигоҳубин ва парастории падару модар. Саркашии фарзанд аз нигоҳубини падару модар ва оқибатҳои ҳуқуқии он. Муқаррароти қонунгузорӣ оид ба пардохти алимент барои нигоҳубини падару модар. Риоя ва ба ҷо овардани анъанаҳои миллӣ дар масъалаи нигоҳубини падару модар. Осори бузургон дар бораи эҳтиром ва гиромӣ доштани падару модар.

**Мавзӯи 27. Танзим ва банақшагирии оила (2 соат)**

Ғамхорӣ нисбат ба оила – яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат. «Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012–2020». Танзими оила ва муҳофизати модару кӯдак. Танзими оила – солимии модар ва имконоти иқтисодӣ. Банақшагирии оила – тандурустии модару кӯдак. Сиёсати демографӣ ва банақшагирии оила. Пешгирии ҳомилашавӣ на бо роҳи исқоти ҳамл. Риояи фосилаи таваллуд – кафолати таваллуди фарзанди солим.

Танзими оила – омили паст шудани сатҳи фавти кӯдакон, таҳкими саломатии модару кӯдак. Масоили демографӣ дар ҷаҳони муосир.

**Мавзӯи 28. Бемориҳои сирояткунандаи ҷинсӣ ва роҳҳои пешгирии онҳо (1 соат)**

Риояи гигиена ва санитария (беҳдоштӣ), этика (одоб). Баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва маърифатнокии наврасон оид ба ҷанбаҳои саломатии ҷинсӣ ва репродуктивӣ. Маълумоти умумӣ дар бораи касалиҳои сирояткунанда.

Бемории ВНМО (вируси норасоии масунияти одам). Роҳҳои пешгирии истеъмоли машрубот ва маводи нашъадор аз ҷониби наврасон ва ҷавонон. Роҳҳои мубориза бо бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда.

Ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандони бо вируси норасоии масунияти одам ва ё ба инфексияи вируси норасоии масунияти одам мубталошуда. Ташхис барои вируси норасоии масунияти одам. Махфияти натиҷаи ташхис. Роҳҳои сироятёбӣ ба вируси норасоии масунияти одам. Роҳҳои гузаштани вируси норасоии масунияти одам ба инсони дигар.

Ташкили тарзи ҳаёти солим. Гирифтани дониш, касбу ҳунар, баланд бардоштани маънавиёт – яке аз шаклҳои ташкили ҳаёти солим. Риояи тарзи ҳаёти солим – омили беҳдошти зиндагӣ. Қоидаи риояи тарзи ҳаёти солим. Варзиш – гарави саломатӣ ва тарзи ҳаёти солими инсон.

## Адабиёт:

1. Абӯалӣ ибни Сино. Тадбири манзил.
2. Дурдонаҳои наср. Ҷ. 1, 3. 1991, 1993.
3. Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор. 1989.
4. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. 1987.
5. Панду ҳикматҳо. 1963.
6. Педагогика и психология. 2004.
7. Раҳимзода Х. Оила ва ҷомеа. 1999.
8. Раҳимзода Х. Тарзи ҳаёти солим. 2000.
9. Раҳимов Х., Нуров А. Педагогика.2007.
10. Саъдии Шерозӣ. Мунтахаби куллиёт.1956.
11. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома. 1979
12. Фаридуддини Аттор. Девон. 2012.
13. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Футувватномаи султонӣ.